**ФАРМОИШИ**
**РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**аз «25» 10 соли 2024 № 381/0 ш. Душанбе**

*Дар бораи баробарарзиш эътироф кардани дипломи дараҷаи илмӣ*

Мутобиқи сархати 5 банди 9 ва сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дипломи дараҷаи илмии доктори илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.02.02 – Назарияи механизмҳо ва мошинҳо. Мошиншиносӣ ва қисмҳои мошин (04№007549), ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Кабинети вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 3 июни соли 2023, №338/1 ба Шоҳиён Алмосшо Набот дода шудааст, эътироф карда шуда, бо дипломи дараҷаи илмии доктори илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.02.18 – Назарияи механизм ва мошинҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баробарарзиш дониста шавад.

2. Мудири шуъбаи ташкилӣ-молиявӣ ва ҳуқуқ (Сарватманди Қ.) вазифадор карда шавад, ки барои таъмин ва барасмиятдарории як адад дипломи намунаи давлатии баробарарзишии дараҷаи илмии доктори илм чораҳои зарурӣ андешад.

3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ (Гулзода А.Б.) вазифадор карда шавад, ки дар мӯҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва дар парвандаи аттестатсионии довталаб чораҳои зарурӣ андешад.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи саркотиби илмии Комиссия Маъруфӣ Р.Н. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 октябри соли 2024, №11

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ